Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146).

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ**

Вобаста ба мубрамияти мавзуи интихобшудаи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар ҳаминро бояд қайд намуд, ки яке аз роҳҳои муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди инноватсионии кишвар татбиқи самараноки консепсияи воридотивазкунӣ ва ба ҳамин васила коҳиш додани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз ба ҳамин сабаб стратегияи рушди ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда дар шароити кунунӣ аз зумраи муҳимтарин стратегияҳои рушди иқтисодиёти миллӣ шинохта мешавад.

Консепсияи воридотивазкунӣ дар шароити кишварҳое, ки аз нигоҳи рушди инноватсионӣ ба таври назаррас қафо мондаанд ва наметавонанд молу маҳсулоти комилан навро ба унвони афзалияти рақобатии худ ба бозор пешниҳод намоянд, ба сифати механизми мутобиқшаванда дар як марҳаллаи муайяни инкишофи иқтисодӣ тавсия мешавад. Пушида нест, ки ин консепсия барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дорои аҳамияти стратегӣ буда, татбиқи самаранок ва саривақтии он метавонад ба унвони унсури ҳалкунанда ҷиҳати таъмини амнияти озуқавории мамлакат, махсусан, бо маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ, нақши муҳим дошта бошад.

Бозори маҳсулоти гӯшт ва шир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷузъи муҳимми комплекси агросаноатии кишвар буда, дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ мақоми марказӣ дорад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло аз автореферат дида мешавад, ки муаллиф бо таваҷҷуҳ ба ҷамъбандии таърифҳои мухталиф таърифи муаллифии мафҳуми воридотивазкуниро пешниҳод намуда, ҳамзамон ба таваҷҷуҳ ба таърифи мазкур амсилаи консептуалии воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзиро таҳия намудааст. (Расми 1, саҳифаи 15). Аз рӯйи амсилаи пешниҳод намудаи мазкур метавон хулоса намуд, ки дарояндаи на чандон дур яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати рушди истеҳсолоти кишоварзӣ бояд ба таъмини ҳимояи ҳаматарафаи истеҳсолкунандагони ватанӣ нигаронида шавад.

Инчунин дар доираи автореферати диссертатсия усулҳои татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар бозори маҳсулоти гӯшт ва шир тасниф карда шудаанд. Муаллиф таснифоти усулҳои татбиқи стратегияи воридотивазкуниро пешниҳод намудааст (Расми 5, саҳифаи 28). Бо пешниҳодҳои худ муаллиф татбиқи бомуваффақияти стратегияи ивазкунии воридот дар бозори маҳсулоти гӯштӣ ва шириро бо он асоснок намудааст, ки муносибати ҳамаҷониба бояд чораҳои дастгирии давлатӣ, ташаббусҳои тиҷорат ва ҷорӣ намудани навовариҳоро дар бар гирад.

Дар доираи таҳлилҳои муаллиф ҳаминро зикр намудан ба маврид аст, ки тавозуни содирот ва воридоти маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ дар Тоҷикистон нишон додааст, ки содироти ҳайвоноти зинда ва маҳсулоти чорводорӣ дар соли 1991 0,1 миллион долларро ташкил дода ва то соли 2023 ба 3,4 миллион доллар расидааст. Бо вуҷуди афзоиш, ҳаҷми содирот дар муқоиса бо дигар гурӯҳҳои молӣ хеле паст боқӣ мемонад. Сатҳи пасти содирот ва сатҳи баланди воридоти маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ вобастагии таъминкунандагони берунаро ба вуҷуд меорад. Рушди нокифояи истеҳсолоти маҳаллӣ талаботи дохилиро қонеъ карда наметавонад. Аз ин ҷост, ки ба ақидаи муаллиф барои кам кардани ин вобастагӣ бояд стратегияи ивазкунандаи воридот амалӣ карда шавад, ки рушди истеҳсолоти маҳаллӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти маҳаллӣ ва афзоиши иқтидори содиротро дар бар гирад.

Бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи мазкур бо забони хуби илмӣ ва пайгирона пешниҳод карда шуда, дар бораи андешаҳо ва мафҳумҳое, ки муаллиф дар ҷараёни иҷрои кори диссертатсионӣ даст ёфтааст, тасвири пурра медиҳад. Дар баробари ҷиҳатҳои мусбат дар автореферати диссертатсияи муаллиф, базе нуктаҳои баҳснок низ дида мешаванд, ки дар байни онҳо метавон инҳоро таъкид намуд:

1. Дар ҷадвали 3. Динамикаи нишондиҳандаҳои рушди минтақаҳои Тоҷикистон, дар солҳои 2015-2023 нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли гӯшти чорво ва парранда дар якҷоягӣ таҳлил карда шудааст, хуб мешуд, ки истеҳсоли гӯшти чорво бе назардошти ҳаҷми истеҳсоли гӯшти парранда дар ҷадвали мазкур мавриди таҳлил қарор дода шавад.
2. Дар матни автореферати диссертатсия камбудиҳои техникӣ ва услубӣ ба чашм мерасад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки камбудиҳои номбаршуда хусусияти тавсиявӣ дошта ба мазмуни кори илмии иҷрогардида таъсири манфӣ намерасонанд.

Аз таҳлили автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки рисолаи докторӣ аз рӯйи моҳият, мазмун, масъалагузорӣ, хулосагирӣ ва шакли таҳия кори илмии анҷомёфта ҳисобида шуда, диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар

дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ бо талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» - и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Ҳамдамзода Хурсанд Акбар, арзандаи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
мудири кафедраи назарияи иқтисодии
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Алиджанов Д.А.

Имзои Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

29.08.2025

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1;
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс: (83422) 6 75 18; E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru